**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2022. - 180 с.**

**Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ**

Соҳаи тандурустӣ нисбати дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ бо амалияи худ, тавассути дастовардҳои таҳқиқотӣ ва хусусиятҳои хоси таърихӣ баҳри беҳбуди ҳифзи саломатии аҳолӣ мавқеи муҳим дорад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: “Дар кишвари соҳибистиқлоли мо саломатии мардум боигарии давлат ва ҷузъи стратегии он дониста шудааст”.

Бо чунин маъно интихоби мавзӯъ дар шакли рисола рӯзмарра ва мувофиқи мақсад дар таърихнигории ватанӣ маҳсуб меёбад. Зеро, рисола таърихи ташаккул ва рушди муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлобро аз замони ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон то соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Диссертант тавассути фарогири маводҳои муътамад роҷеъ ба ташаккули илми тиб дар минтақа аз солҳои аввали барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ тадқиқоти илмӣ ба анҷом расонида аст.

Муҳиммияти рисолаи мазкур дар он арзёбӣ мегардад, ки ба таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббии як минтақаи ҷумҳурӣ бахшида шудааст, ки бо чунин ҳаҷму номгузорӣ дар таърихнигории ватанӣ тадқиқоти илмӣ ба анҷом расонида нашудааст. Вобаста ба таҳқиқоти ба анҷомрасонидаи диссертант қайд намудан лозим аст, ки айни замон яке аз муҳимтарин масъалаҳои замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мусоид фароҳам

овардан баҳри беҳдошт ва ҳифзи саломатии саломатии аҳолӣ ва рушди илми тиб ба ҳисоб меравад.

**Дар дараҷаи омӯзиши масъалаи** мазкур аз тарафи донишмандону муаррихони барҷаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде таҳқиқотҳои арзанда анҷом ёфта бошад ҳам, аммо дар шакли маҷмӯи оид ба мавзӯи мазкур аз нигоҳи таърихи илм тадқиқоти алоҳидаи илмӣ ба анҷом расонида нашуда ва асари бунёдие низ таълиф нагардидааст.

Муҳаққиқон Ю. Б. Исҳоқӣ, Я. Т. Тоҷиев, М. А. Марченко, Д. Шарифов, С. Зокиров, Н. Ҳотамов, И. Раҳматзода, А. Раҳматов ва дигарон дар самти таърихи тиб корҳои арзандае анҷом дода бошанд ҳам, дар шакли рисолаи пешниҳодгардида ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода нагирифтааст.

Аз ин ҷост, ки роҷеъ ба дараҷаи омӯзиши мавзӯи мазкур диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924-1991)» аввалин пажӯҳишоти диссертатсионӣ оид ба таърихи тиб ва тандурустӣ дар минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Объекти тадқиқот** омӯзиши таърихи пайдоиш ва ташаккули муассисаҳои тиббиро дар минтақаи Кӯлоб ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқотро о**мӯзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар давраи ҳокимияти Шуравӣ (1924-1991 с.) ташкил медиҳад.

Аз ин лиҳоз, рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович, ки кӯшиши аввалин дар ин самт ба ҳисоб меравад, бешак мубрам ва саривақтӣ буда, пажуҳиш дар заминаи таҳлилу баррасии маводҳои бойгонӣ, сӯҳбатҳои фардӣ, маълумотҳои оморӣ, осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба таърихи тиб ва ҳифзи

иҷтимоии Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991 бахшида шудаанд, амалӣ гардидааст.

## МАЗМУНИ МУХТАСАРИ ДИССЕРТАТСИЯ

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо, номгӯи адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки дар боби аввал - **“Таъсисёбии муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20 - 60 – уми асри XX”** таълифот ба масоили умдаи таърихи ҳифзи иҷтимоии минтақаи Кӯлоб, бахусус ташкилёбии муассисаҳои тиббӣ бахшида шудааст. Баъди барқароршавии ҳокимияти Шуравӣ ва ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон, сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи тибро низ дар бар мегирифт, ки минтақаи Кӯлоб аз он дар канор набуд.

Соли 1924 бо мақсади ба роҳ мондани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи тиб, Комиссариати халқӣ оид ба ҳифзи саломатӣ таъсис ёфт, ки таъсиси идораи махсуси тиббӣ барои мардуми маҳаллӣ як сохтори нав буд, ки баҳри рушди минбаъдаи муассисаҳои тиббӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоб замина ва нақши мусоид гузошт.

Дар зербоби аввал **“Барпошавии ҳокимияти Шуравӣ ва таъсиси аввалин муассисаҳои тиббии замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 20-30 асри XX)”** муаллиф дар заминаи таҳқиқу таҳлили адабиёти марбут ба масоили барпошавии ҳокимияти Шуравӣ дар минтақаи Кӯлоб, таъсиси Кумитаи Иҷроияи мақомоти ҳукумати вилоят ва дар ҳайати он таъсис ёфтани шуъбаи тандурустии вилоятро ба таври возеҳ инъикос намудааст. Дар солҳои 20 – уми асри XX бо сабаби паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар минтақаи Кӯлоб ва набудани духтурони касбиву муассисаҳои тиббӣ мутахассисони касбӣ дар ҳайати артиши сурх ба минтақа омада, ба аҳолии маҳаллӣ хизмат менамуданд. Муаллиф қайд менамояд, ки натиҷаи чунин

хизматрасониҳои духтурони қисмҳои артиши сурх боиси таъсис ёфтани муассисаҳои тиббӣ, бунгоҳву беморхонаҳо дар минтақаи Кӯлоб гардид.

Зербоби дуюм **“Фаъолияти муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ”** оид ба оғози ҷанг ва таъсири он ба соҳаи тибби Тоҷикистон инчунин, вилояти Кӯлоб қайд гардидааст. Муаллиф тавассути истифодаи сарчашмаҳои бойгонӣ ва адабиёти таърихӣ мушкилоти соҳаи тибби вилоят, аз қабили нокифоягии муассисаҳои тиббӣ, таҷҳизот, нақлиёт ва норасоии мутахассисони соҳаро мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Ӯ зикр менамояд, ки дар баъзе минтақаҳои дурдасти вилоят ба монанди Чубек (ноҳияи Фархор), Саричашма (ноҳияи Шӯрообод) ва Ёли ноҳияи Даштиҷум тамоман хизматрасонии тиббӣ вуҷуд надоштанд. Дар маҷмӯъ бо сабаби душвор гардидани шароити замони ҷанг фаъолияти муассисаҳои тиббии минтақа суст гардид ва мутахассисон ба фронт сафарбар мегардиданд.

Дар зербоби сеюми рисола “**Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60 – уми асри ХХ**” оид ба сабаби суст шудани назорати беҳдошти саломатӣ ва сари вақт муолиҷа накардани кӯдакони бемор, дар қаламрави шаҳр ва ноҳияҳои Кӯлоб, зиёд гардидани бемориҳои кӯдакона ва сироятӣ дар солҳои аввали баъди ҷангӣ қайд гардидааст. Дар солҳои азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ сохтмони биноҳои нави беморхона яке аз масъалаҳои муҳиму рӯзмарраи замон буд, зеро вазъи иқтисодии мамлакат хеле суст гардида, таъсири он ба тамоми қаламрави ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Кӯлоб расида буд. Фавти кӯдакон зиёд гардида, эмкунӣ авҷ гирифта буд. Дар минтақаи Кулоб беморхонаи кӯдакона, омӯзишгоҳи тиббии таъсис ёфта, хизматрасонии тиббӣ батадриҷ беҳтар мегардид.

Муҳаққиқ зикр менамояд, ки тадқиқоти соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 50-60 асри ХХ нишон дод, ки ҳалли масъалаи таъмини соҳа бо мутахассисон,

воридсозии техникаи нав, тақсимбандии соҳавии тиб ва таъминоти он бо натиҷаҳои илми пешрафтаи он давра, баҳри рушди соҳа мусоидат намуданд.

Дар боби дуюми диссертатсия - **“Сиёсати давлати Шуравӣ дар таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар солҳои 1970-1991”**, ки аз чор зербоб таркиб ёфтааст, маводҳои бойгонӣ ва сӯҳбатҳои дар ин самт мавҷудбуда мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Аз рӯи қайди муаллиф сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1950-1990 мушкилоти тамоми минтақаҳои дурдасти кӯҳистони ҷумҳурӣ ба шумор мерафт. Зеро минтақаҳои кӯҳистон кадрҳои маҳаллӣ надошта, масъалаи таъминоти кадрӣ дар меҳвари сиёсати давлат ҷой гирифта буд. Бо чунин сабаб раванди тайёр намудани мутахассисони касбиии маҳаллӣ ба нақша гирифта шуда буд ва дар амал татбиқ мегардид.

Дар зербоби аввал **“Сиёсати давлатии таъмини соҳаи тиб бо мутахассисони маҳаллӣ дар минтақаи Кӯлоб солҳои 1950-1990”** оид ба тайёр намудани кадрҳои маҳаллии минтақа, аз ҷумла занон қайд гардидааст, ки аз солҳои 50 – ум оғоз мегардад. Табибони маҳаллӣ баъди гирифтани донишу малакаи назариявӣ ба зодгоҳашон баргашта, бевосита дар беморхонаҳо таҷрибаи худро такмил медоданд ва имконият фароҳам омад, ки бо сарварии табибони рус маҳорату қобилияти худро сайқал диҳанд. Бо зиёд шудани кадрҳои маҳаллӣ, шумораи беморхонаҳо зиёд гардид ва сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳтар гардид. Аз рӯи таҳлили муаллиф чунин муваффақиятҳои тибби вилоят ҳанӯз дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ хеле ночиз бошад ҳам, аммо инкишоф мeёфт ва зарурат ба кадрҳои болаёқат пайдо мегардид.

Диссертант дар зербоби дуюми рисола **“Муборизаи кормандони тибби минтақаи Кӯлоб бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инкишофи минбаъдаи соҳаи тиб дар Тоҷикистон (солҳои 1970-**

**1991)”** тавассути маводи бойгонӣ ва суҳбатҳои инфиродӣ раванди кори табибон ва идораҳои давлатӣ, услуби кор ва душвориҳои онро барои инкишофи соҳаи тибби минтақа таҳқиқ намудааст. Муаллиф оид ба беҳдошти иҷтимоӣ ва ҳифзи саломатии аҳолии минтақа таъсиси гурӯҳи корӣ дар назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳайати онҳо эпидемологҳо, венерологҳо ва мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон, нуқтаи машварати ҳуқуқӣ дар назди диспансери бемориҳои пӯст ва венерикӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қайд менамояд. Сабаби асосии кушодани нуқтаи ҳуқуқӣ дар ташвиқоти саркашӣ аз табобат буд, зеро на ҳама шаҳрвандон ба табобати ихтиёрӣ розӣ буданд. Аммо ба тамоми мушкилот нигоҳ накарда, ҳукумати Шуравӣ корҳои зиёд барои пешгирии паҳншавии ҳама гуна бемориҳо ва ҳифзи иҷтимоӣ ва беҳдошти саломатии аҳолӣ ба роҳ монда буд.

Дар зербоби сеюми рисола “**Рушди тибби вилояти Кӯлоб дар марҳилаи охирони давлатдории Иттиҳоди Шуравӣ (солҳои 1980-1991)**” масоили душвориҳои давлаторӣ ва буҳрони иқтисодии солҳои 80-ум инъикос ёфта, аммо аз рӯи қайди муҳаққиқ соҳаи тибби минтақа ба муваффақиятҳои нав ноил гардид. Чунин пешравиҳо ба рушди соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб таъсири мусоид гузошта, соҳа бо мутахассисони касбӣ таъмин гардид. Аммо мушкилоти сар задани бемориҳои сироятӣ ҳамоно вуҷуд дошт ва дар маркази диққати кормандони соҳаи тиб қарор гирифта буд. Аз рӯи натиҷаи таҳқиқоти муаллиф соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб дар солҳои 1970-1990 ба дастовардҳои зиёди илмӣ ноил шуда буд, ки замина ба рушди тибб дар замони соҳибистиқлолӣ гардид.

Дар зербоби чоруми рисола “**Саҳми табибони минтақаи Кӯлоб дар инкишоф ва пешрафти илми тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон**” аз рӯи таҳқиқи муаллиф муайян мегардад, ки дар солҳои давлатдории Шӯравӣ ва замони Истиқлолият дар минтақаи Кӯлоб на танҳо масъалаи таъмини соҳаи тандурустӣ бо мутахассисон ҳал гардид,

балки аз миёни онҳо олимони варзидаи соҳаи тиб баромаданд, ки дар рушди илми тибби ҷумҳурӣ саҳми босазо гузоштанд. Таъсисёбии сохтори илми тибби тоҷик дар замони Шӯравӣ имкон дод, ки масъалаи таъмини соҳа бо мутахассисон ҳаллу фасл гардад ва мактаби миллии омодасозии кадрҳои соҳаи тиб мустақилона фаъолият намояд. Маҳз, бо афзоиши шумораи олимон соҳаи тиб дар шакли илми муосир ривоҷу равнақ пайдо мекунад ва дар асоси илми соҳа ва дастгирии олимони тоҷик тадқиқотҳои мустақилона барои омӯзиши бемориҳои сироятии минтақа ва муайян кардани роҳҳои табобати онҳо ба роҳ монда шудааст.

## Навоварии илмии таҳқиқот ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада

Навоварии илмии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки оид ба соҳаи тибб, афзалиятноки ҳаёти иҷтимоӣ, таърихи тибби минтақаи Кӯлоб таҳқиқоти маҷмӯӣ махсуб меёбад. Муҳаққиқ душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи тибби минтақаи Кулобро дар чорчӯбаи хронологии муайян (1924-1991 с.) мавриди омӯзиш қарор додааст, ки дар таърихнигории ватанӣ тадқиқоти комилан нави илмӣ маҳсуб меёбад.

Соҳаи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа буда, дар заминаи рушди илм ва ихтироъкорӣ вазъи саломатии ҷомеаро ҳифз менамояд. Рисолаи мазкур қисми муҳимми таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз, таҳқиқи ин мавзуъ барои пешрафти илми таърих мусоидат мекунад, зеро саҳифаҳои нави корномаҳои табибони Тоҷикистон рӯйи кор оварда шудаанд. Кори илмӣ ба соҳаи тибби минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шуда, хронологияи рушди соҳаи тандурустии минтақаро дар солҳои 1924 – 1991 фаро мегирад.

## Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар замони Шуравӣ кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи вазъи иҷтимоии Тоҷикистон (солҳои 1924- 1991), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи тибби Тоҷикистон” васеъ истифода кард. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷумҳурӣ, бахусус таърихи муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистони муфид мебошанд. Рисолаи мазкур қисми муҳимми таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз таҳқиқи ин мавзуъ барои пешрафти илми таърих мусоидат мекунад, зеро саҳифаҳои нави корномаҳои табибони Тоҷикистон рӯйи кор оварда шудаанд.

## Эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот

Дар иртибот ба эродҳо ва норасоиҳои таҳқиқот, ба андешаи мо ба назар гирифтани чанд масъала мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии онро боз ҳам афзун мекунанд:

1. Дар зербоби аввали боби якуми рисола **“Барпошавии ҳокимияти Шуравӣ ва таъсиси аввалин муассисаҳои тиббии замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 20-30 асри XX)”** теъдоди муассисаҳои табобатӣ дар шакли номуайян оварда шуда, дар сархати аввал соли

1929 теъдоди онҳо 12 адад, аммо дар сархати дигар солҳои 1929-1930 дар минтақаи Кӯлоб фаъолияти 2 беморхона қайд гардидааст (С.24.).

2. Дар зербоби сеюми боби аввали рисола “**Рушди соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60 – уми асри ХХ**” оид ба теъдоди хатмкунандагони Донишкадаи тиббии Тоҷикистон маълумоти умумӣ дода шуда, теъдоди хатмкунандагони минтақа номуайян аст. Шумораи табибони ҷумҳурӣ дар соли 1953 ва 1960 дар шакли умумӣ нишон дода шуда, миқдори табибони минтақаи Кӯлоб муаяйн нест.

3. Соли 1940 аз рӯи нишондоди диссертант дар зербоби аввали рисола (С.27) ба муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб 18 автомошин ва кормандони тиб 31 асп ҷудо карда буд, аммо дар зербоби дуюм (С.34 ) дар соли 1940 нақлиёти соҳаи тибро 1 мошин ва 31 асп ташкил медод.

4. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлой ва услубӣ дида мешаванд.

Аммо, дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи сарчашмаҳои бойгонӣ, сӯҳбати инфиродӣ ва адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргардида**

Диссертатсияи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи «**Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924-1991)**» таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, дар он ҳадаф, вазифа ва масъалаҳои дар наздаш гузошташуда асосан ҳалли худро ёфта, хулосаҳои илмии асоснок баровварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, бо боварӣ метавон иброз дошт, ки хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда дар сатҳи баланди назариявӣ баён гардида, аҳамияти назарраси илмӣ доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундаричаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро комилан инъикос мекунанд. Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифат ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст ва муаллифи он Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, и.в.дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Суроға:** 734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121, E-mail: matluba.ganchakova @bk.ru.тел. (+992) 934 51 55 60

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«15» 11. соли 2022